**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Собирзода Аловуддин Ҷабор дар мавзуи “Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 –Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Собирзода Аловуддин Ҷабор дар мавзуи “Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон:таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 –Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқ мебошад

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Тоҷикистон тибқи Конститутсия давлати иҷтимоӣ мебошад. Ин хислати давлати Тоҷикистон баёнгари он аст, ки ҷомеаи кишвар мақсад гузоштааст, ки ҷомеаи иҷтимоӣ барпо намояд. Ташаккули самти иҷтимоии давлат як қатор масоили муҳимро дар назди илм ва амалия мегузорад, ки дарёфту таҳияи барномаҳои ислоҳоту тағйирот агар вазифаи муҳаққиқон бошад, пас, таҷриба ва иҷро кардани онҳо фаъолияти амалиро талаб мекунад. Татбиқи амалии падидаҳои иҷтимоӣ ва дастгирии иҷтимоии гурӯҳҳои алоҳида, пеш аз ҳама, аз он вобаста мебошад, ки падидаҳои мазкур воситаю роҳҳои он то кадом андоза илман асоснок гардидааст. Ин гуна холигӣ дар рушди илми мазкур ба амалия ва идоракунии давлатӣ низ таъсири манфӣ мерасонад, чунки то имрӯз ин мушкилии илмӣ бартарафнашуда боқӣ мемонад. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, махсусан мақомоти корҳои дохилӣ шоҳсутуни ҳокимияти давлатӣ ба шумор рафта, тартиботи ҷамъиятӣ, риояи қонуният аксаран аз фаъолияти онҳо вобастагӣ дорад. Албатта дуруст ва тибқи талаботи муосир ба роҳ мондани фаъолияти онҳо аз кумаку дастгириҳои иҷтимоӣ, ҳавасмандсозии моддиву маънавии кормандону роҳбарони мақомот вобаста мебошад. Амнияти кишвар ва ба роҳ мондани тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи қонуният

вазифаи аввалиндарачаи ҳокимияти давлатӣ мебошад, аз ин сабаб, роҳу усулҳо ва шаклҳои гуногуни ба даст овардани ин гуна вазъ аз бисёр чиҳат аз дастгирии иҷтимоӣ ва ҳавасмандсозии ҳуқуқӣ вобаста мегардад. Аз ин нуктаи назар рисолаи номзадии Собирзода Аловуддин дар мавзуи “Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон:таҳкиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ" ба яке аз масоили мубрамми илмҳои ҳуқуқшиносӣ бахшида шуда, баҳси доманадори илмиро дар байни мутахассисон ба вуҷуд оварда аст. Он бешак масъалаи муҳими илмӣ ва амалиро ба миён гузошта, дарёфти роҳҳалҳои он холигии бузургеро дар илми ҳуқуқшиносӣ аз байн мебарад.

Рисолаи Собирзода А. аз муқаддима, ду боб ва ҳафт зербоб,хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, руйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда, феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, ду замима иборат буда, мантиқан мавзуи гузошташударо куллан фаро мегирад.

Дар боби аввали рисола бо номи “Ташаккул ва инкишофи қонунгузории Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ (солҳои 1917-2023) ”, ки аз чор зербоб иборат аст, муаммоҳои мафҳум ва моҳияти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони милитсияи тоҷик дар солҳои 1917-1929, инчунин инкишофи қонунгузорӣ дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар солҳои 1929-1991 ва рушди қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқику таҳлил қарор дода шудааст.

Дар боби дуюми рисола бо номи “Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ”, ки ба се зербоби алоҳида тақсим карда шудааст, таҳлили муқоисавии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мазкур, таҷрибаи давлатҳои ИДМ, инчунин роҳҳои такмил додани ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар чараёни ислоҳоти мақомоти мазкур мавриди омузиш қарор дода шудааст.

Таҳлили умумии рисола моро ба хулосае меорад, ки муаллиф ба яке аз самтҳои душвори илмӣ, ки то имрӯз дар Тоҷикистон мавриди таҳлили ҷиддию амиқи илмӣ нашудааст, иқдом намуда мақсад гузоштааст, ки самти мушаххаси он ҳифзи иҷтимоии

мақомотии корҳои дохилиро ба таври мушаххас омузад ва дар заминаҳои илмӣ тавсияҳо оид ба рушд додани он пешниҳод намояд. Хушбахтона муаллиф аз уҳдаи чунин вазифаи мушкил баромадааст ва рисола исботи ин гуфтаҳост. Муаллиф А. Собирзода дуруст қайд менамоянд, ки дар адабиёти илмии Тоҷикистон ва на танҳо дар илми тоҷик, балки дигар кишварҳо, аз ҷумла Федератсияи Русия дар ин самт камбудиҳо дар таҳқиқи ин масоил то ҳол вуҷуд дорад. Дар Тоҷикистон бошад, ин самти илми ҳуқуқшиносӣ як илми омухтанашуда боқӣ мемонад ва танҳо кушода шудани шӯрои дифои соҳавӣ, метавонад ба ин холигӣ хотима бахшад. Муаллиф аз ҷанбаи илмӣ кулли мафҳумҳои ба ҳифзи иҷтимоӣ вобаста дар илм истифодашударо аз ҷумла "таъминоти иҷтимоӣ", "кафолатҳои иҷтимоӣ", "ҳифзи иҷтимоӣ", "ҳимояи иҷтимоӣ", "ҳифзи ҳуқуқӣ", "суғуртаи иҷтимоӣ", "дастгирии иҷтимоӣ", "кӯмаки иҷтимоӣ", яъне як қатор мафҳумҳои бо ҳам алоқаманд, вале аз ҷиҳати мазмун ва моҳият фарқкунандаро, ки муҳаққиқон ҳамчун синоним ҳангоми таҳқиқ намудани самти мазкури илм истифода мекунанд ба таври муфассал таҳлил намуда, ба хулосае омадааст, ки истифодаи мафҳуми "Ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ" бештар ба мақсад мувофиқ ва ба талаботи илмӣ ҷавобгӯ мебошад. Таҳлили кулли мафҳумҳои болозикр нишонаи тайёр будани муҳаққиқ барои бурдани кори илмӣ буда, аз дониш ва малакаи кори илмии доштани ӯ шаҳодат медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки муаллиф А. Собирзода тавонистааст, ки самти нави илмиро ихтиёр намояд ва яке аз аввалинҳост, ки ба таҳқиқи ин самти илмӣ аз нуктаи назари методологӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ оғоз бахшидааст.

**Дараҷаи навоварӣ ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омада ва барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Дар заминаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар умум 9 навгонии илмӣ таҳия гардидааст, ки аксарияти онҳо аввалин маротиба дар шакли навгонӣ пешниҳод шудаанд, аз ин сабаб лоиқи дастгирӣ мебошанд. Махсусан навгониҳои бандҳои 1,3-5,6, 9 қобили дастгирӣ аст.

Бояд қайд намуд, ки ба андешаи мо навгонии якуми диссертатсия аҳамияти муҳими илмӣ дошта, тезиси муаллиф оид ба он ки чунин муносибатҳо, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шудаанд, хусусияти устувор ва доимоамалкунанда дошта, аз ҷониби субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ бо риояи

қатъии меъёрҳо, ки дар чунин санадҳо мустаҳкам шудаанд, амалӣ карда мешаванд, илман асоснок аст, аммо дар амалия чунин нест. Иҷрои кафолатҳо ва як қисми чорабиниҳои ҳифзи иҷтимоӣ аз рушди иқтисодии кишвар вобаста аст, аз қабили ҷудо намудани қитъаи замин, таъмин намудан бо манзили истиқоматӣ ва ғайра.

Албатта, дар матни таҳқиқоти мавзуи мазкур, ки аввалин маротиба ба таври фароху гуногунҷанба масъалаи доғи рузро таҳлил мекунад, баъзе андешаҳои баҳсталаб мавҷуданд.

Банди сеюми навгониҳо ба даврабандии пайдоиш ва рушди масъала бахшида шудааст, ки марҳилаи шуравии рушди онро ба назар гирифта ба чор марҳила тақсим карда шудааст. Албатта чунин даврабандӣ бо он асоснок карда мешавад, ки марҳилаҳои номбаршуда давраҳои бузурги рушди длавлати шуравӣ буда, қонунгузории ҳар як марҳила аз марҳилаи дигар тафовутҳои ҷиддиро дар бар мегирифтанд, ки лоиқи дастгирӣ мебошад.

Оид ба бандҳои 7 ва 8 –уми навгониҳо бояд қайд намуд, ки хулосаи унвонҷуй А. Собирзодаро оид ба қабули қонуни махсусгардонидашуда «Дар бораи кафолатҳои иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ» (банди 7 навгониҳо) ва «Дар бораи хизмат дар мақомоти корҳои дохилӣ» (банди 8) лоиқи дастгирӣ мебошад, чунки бо дарназардошти муҳиммияти хизмат дар сафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, қабули қонуни мазкур ҳифзи иҷтимоии самараноки кормандони ин мақомотро таъмин намуда, ба ҳалли масъалаҳои муҳим, аз қабили таъмини моддӣ ва нафақавӣ, шароити манзил, хизматрасонии тиббӣ ва ғайра мусоидат мекунад.

Дар банди 9-уми навгониҳо тадбирҳои лозима барои баланд бардоштани самаранокии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ пешниҳод гардидаанд, ки бо далелҳои илмӣ исбот карда шудаанд.

Ба ғайр аз бандҳои 7-9, ки асосан тавсия оид ба қонунгузорӣ ва пешниҳоди тадбирҳои мушаххас мебошанд, муаллиф А. Собирзода якчанд тавсияҳои мушаххас пешниҳод мекунад, аз ҷумла иваз намудани номи боби шашуми қонун дар бораи милитсия аз “ҳимоя” ба “ҳифзи” иваз карда шавад. Ба андешаи мо, ҳангоми истифодаи ин истилоҳоти ҳуқуқӣ бояд ба мазмуни он диққат дод, ҳимояи ҳуқуқ ҳамавақт вуҷуд дорад, вале ҳифзи ҳуқуқ ҳангоме мавриди амал қарор мегирад, ки ба

механизмҳои махсуси давлатӣ ниёз пайдо мешавад. Қонун ҳуқуқҳои моро ҳимоя мекунад, мақомот ва суд механизмҳои ҳифз намудани ҳуқуқҳо мебошанд. Бинобар ин ба андешаи мо ҳарду истилоҳ бояд дар мавридаш истифода гардад.

Пешниҳодҳо ба таври илмӣ ва ҳаматарафа асоснок карда шудаанд.

Хулоса, аксарияти навгониҳои риолаи илмӣ навоварӣ дар илмҳои ҳуқуқшиносӣ буда, аз ин лиҳоз асоси кофӣ барои дастгирии муҳаққиқ барои дарёфти дараҷаи илмӣ мебошанд.

**Асоснок ва ҳақиқӣ будани хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Навгонӣ, хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи сарчашмаҳои зиёди илмӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ (зиёда аз 41 феҳристи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ, 40 асари илмӣ, китоби дарсӣ ва васоити таълимӣ, 63 мақолаи илмӣ ва маърузаҳо, 25 таҳқиқоти диссертатсионӣ, 9 маводи бойгонӣ, 9 манбаи интернетӣ) таҳия ва омода шудааст. Собирзода А. хулосаю пешниҳодҳои илмии худро дар 9 номгӯи мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои бонуфузи Тоҷикистон, ки дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии нади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудаанд, нашр намуда, 3 мақолаи дигараш дар маҷмуи маколаҳои конфронсҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ба табъ расида мавриди омузиши мутахассисон гаштааст.

Таҳлилу хулосабарориҳои А. Собирзода шаҳодати он аст, ки номбурда дар таҳияи рисолаи илмии худ ба таври васеъ методологияи муосири илмҳои ҳуқуқшиносиро истифода бурда, ба усулҳои умумиилмӣ ва усулҳои хоси илми ҳуқуқ такя намудааст, ки ин равиш ба ӯ барои таҳияи хулосаю навгониҳои илмии объективона имконият фароҳам оварданд. Дар рисола нақши усулҳои шаклӣ- ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқиро номбар кардан мумкин аст. Истифодаи усулҳои муосири илмӣ барои муаллиф имконият додааст, то як қатор хулосаҳои илмии асоснок ва тавсияҳои мақсаднок пешниҳод намояд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натоиҷи диссертатсия бо пешниҳоди тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳамияти илмии рисолаи илмии пешниҳодшуда, дар гузориши масъалаи мубрами илмӣ, шинос намудани хонанда ба ҷанбаҳои гуногуни мафҳуми ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ,

муайян намудани ҷойгоҳи ҳифзи иҷтимоӣ дар низоми ҳавасмандсозии кормандон ва иҷрои мақсадноки ҳадафҳои мақомот мебошад. Муаллиф аввалин маротиба дар илми тоҷик даврабандии асосноки таърихи рушди ҳифзи иҷтимоии кормандонро дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод намудааст. Инчунин, муаллиф тавонистааст, ки дар асоси таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ - умумият ва тафовути ҳифзи иҷтимоии кормандони ҳифзи ҳуқуқӣ кишварҳои гуногунро бо Тоҷикистон таҳқиқ ва дар заминаи он хулосаҳои илмӣ ва дидани тадбирҳои иловагиро пешниҳод намояд. Ба андешаи мо, амали шудани тавсияҳои А. Собирзода барои беҳтар ба роҳ мондаин фаъолият дар МКД ва самаранокии кори ҳаррузаи кормандони мақомот сабаб мешавад. Тадбирҳои пешниҳодгардида аҳамияти баланди илмӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ доранд, агар малӣ шаванд, чунки фаъолияти самараноки корманди МКД ба масоили амнияти ва оромиву тартиботи ҷамъиятӣ вобаста мебошад.

**Сохтори диссертатсия** вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ таҳия гардида ба ҷузъҳо тақсим гардида, аз муқаддима, 2 боб ва 7 зербоб, хулоса, феҳристи сарчашмаҳои истифодагардида иборат мебошад.

**Таълифоти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.** Феҳристи маводи чопии А. Собирзода аз 13 мақолаи илмӣ иборат буда, баёнгари мустақилияти илмӣ ва эҷодии муаллиф мебошад.

Натоиҷи таҳқиқоти илмии муаллиф дар 9 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда ва 3 мақолаи илмӣ дар маҷмӯи маводи чорабиниҳои имлии байналмилаӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр шудаанд.

Автореферат мазмуни диссертатсияро пурра инъикос намуда, маълумоти заруриро дар шакли мухтасар оид ба диссертатсия дода метавонад.

Диссертатсия дар самти ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимотҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ таҳия шуда, ҷанбаҳои муҳимтарини масоили ҳифзи иҷтимоии категорияи муайяни хизматчиёни давлатӣ – кормандони ҳифзи ҳуқуқро дар бар мегирад.

**Камбудиҳои диссертатсия.** Дар қатори дастовардҳои эҷодӣ дар рисолаи пешниҳоднамудаи муаллиф баъзе камбудию масъалаҳои баҳсталаб мушоҳида

мегардад. Азбаски ҷавҳари рисолаи илмӣ навгониҳои он мебошад, мо кушиш намудем ҳар як навгонии илмии А. Собирзодаро таҳлил ва дар ҷараёни таҳлили хулосаҳои муаллиф баъзе масоили баҳсталаби рисоларо ишора намоем, аз ҷумла:

1) Тавсияҳои муаллиф барои тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ, тавзеҳоти васеътари илмиро талаб менамояд.

2) Нуктаи назари муаллиф оид ба масъалаи ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқ дар муносибат ба ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд асоснок карда шавад.

3) Дар банди дуюми навгониҳо дар қатори кафолатҳо - музди кор низ дохил карда шудааст, ки ба андешаи мо баҳсталаб аст. Музди кор мақсади кафолатҳо шуда наметавонад, чунки мақсад аз он додани маоши корманд аст, на кафолати таъмини некуаҳволии онҳо. Мақсади кафолатҳо таъмин намудани ҷараёни дурусти фаъолияти корманд аст, на ҳаққи кори ӯ.

Андешаҳои баҳсталаб, ки барои беҳтар кардани дарку маърифати асари илмӣ равона шудааст, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши баланди илмии рисолаи пешниҳодшударо паст накарда, баръакс, дар дараҷаи баланди илмӣ таҳия шудани онро инъикос мекунад ва сабаби асосии роҳ додан ба ин гуна масоили баҳсталаб яке аз аввалин рисолаҳо дар ин самт будани он аст. Рисолаи А. Собирзода таҳқиқоти илмии тахассусӣ буда, мустақилона иншо гардида, таҳқиқоти анҷомёфта ва маҷмӯӣ мебошад. Он ба масъалаи мубрами рӯз бахшида шуда, ба як қатор масъалаҳои баҳсталаби илмӣ равшанӣ андохта, дар он як қатор роҳҳалҳои муаммоҳои ҳуқуқӣ дар самти ҳифзи иҷтимоӣ таҳия ва тавсия шудааст.

**Мутобиқати мазмун ва шакли таҳияи диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.** Таҳқиқот саҳми илмии муаллиф дар таҳлилу баррасии яке аз масъалаҳои муҳими илмӣ дар ҷаҳони муосир буда, ба ошкор намудани мавқеъ, мафҳум, моҳият, марҳилаҳои рушд, асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоӣ бахшида шудааст.

Рисолаи илмии Собирзода Аловуддин Ҷабор дар мавзуи "Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон:

таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ" аҳамияти назарӣ ва амалии илмӣ дар соҳаи таърихи давлат ва ҳуқуқ ва илми таъминоти иҷтимоӣ дошта, таҳқиқоти комил ва баохиррасида мебошад, ки дар он як қатор навгониҳои илмӣ пешниҳод шудаанд. Онро барои ҳимоя дар самти таъминоти иҷтимоӣ низ пешниҳод намудан мумкин аст. Хулосаю пешниҳодҳои тахияшуда холигиро дар омӯзиши илмии ин масъалаҳо пурра намуда, барои такмили қонунгузорӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД ва пешрафти таҷрибаи корӣ имконият фароҳам меоваранд.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 71,72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсия дар мавзуи “Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ" таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб рафта, дар он натиҷаҳои нави илман асоснок ба даст омадаанд ва мушкилоти мушаххаси илмӣ ҳалли худро ёфтаанд, аз ин сабаб, муаллифи он – Собирзода Аловуддин Ҷабор барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ**
доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор,
Мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон Буризода Э.Б.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, E-mail: buriev-68@mail.ru Тел. корӣ: 221-65-85; Тел. моб.: 907-82-90-91

15.10.2024

Имзои проф. Э.Б. Буризодаро тасдиқ мекунам
Нозири калони
шуъбаи кадрҳои ИФСҲ-и АМИТ Абдураҳмонзода Б.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ